Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-102-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (735140, ш. Бохтар, кучаи Айнӣ 67)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна дар мавзуи «Асосҳои методии ташаккули салоҳияти мустақилияти донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 – Кимиё (6D011202 – Назария ва технологияи таълими химия (таҳсилоти касбӣ)**

Таҳқиқоти автореферати диссертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна аз он ҷиҳат мубрам ва муҳим маҳсуб мешавад, ки довталаб мавзуи хеле муҳим – ташаккули салоҳияти мустақилияти донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ – ҳамзамон бо асосҳои методии татбиқи он дар раванди таълимро, ки то ба имрӯз аз ҷониби олимону педагогҳои ҷумҳурӣ ба таври мукаммалу алоҳида пажуҳиш нашудааст, барои омӯзишу таҳқиқ интихоб ва коркард кардааст.

Дар диссертатсияи мазкур ҷанбаҳои дидактикӣ, заминаҳои психологӣ-педагогӣ ва методологии ташаккули малакаҳои кор ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ бо истифодаи усулҳои гуногун ба таври васеъ фаро гирифта шудааст. Аз ҷумла: марҳалаҳои шиносонидани муҳассилин бо мазмуни амсила, супоришоти инфиродии фан, омилҳои асосии ташаккули фикр, малакаҳои кор ҳангоми эҷоди проблема дар дарс ва дарки маъно мавриди истифода қарор гирифтааст.

Ҳамзамон, муаллиф таваҷҷӯҳи махсус ба омӯзиши бошуурона, мафҳуми дарк, мазмун ва моҳияти тафаккур, аҳаммияти истифодаи воситаҳои таълимӣ ва ташкил дар дарси рушдёбандаи фанҳои табиатшиносӣ азҷумла химия, фаъолияти мустақилона ва қобилияти эҷодии донишҷӯён-омӯзгорони оянда додааст. Ба малакаҳои дарки маъно, роҳу усулҳои ташаккули фаъолияти маърифатии муҳассилин-омӯзгорони муосир, нақши усулҳои анъанавӣ ва интерактивии таълим дар ташаккули ин малакаҳо эътибори ҷиддӣ дода шудааст. Масоили таълими ҳамгиро ҳамчун омили асосии ташаккули малакаҳои дарки маъно дар муҳассилин-омӯзгорони муосир баррасӣ гардида, ҷараёни таҳқиқоти озмоишии асосҳои назариявӣ ва шароитҳои педагогии ташаккули малакаҳои кор шарҳу тавсиф шудаанд.

Муҳаққиқ дуруст таъкид кардааст, ки дарки муҳтавои масъала ҳеҷ гоҳ бе фаъолсозии фикр ва гузоштани заминаҳои психологию-педагогӣ дар

муҳассилин муяссар намешавад. Масъалаи баланд бардоштани сатҳи сифатӣ таълим ва густариши қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии муҳассил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Тоҷикистон, дар заминаи таҳаввулоти ҷаҳонии соҳаи маориф, ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати маорифӣ табдил ёфтааст. Имрӯз, истифодаи усулҳои фаъол ва инноватсионии таълимӣ ҳамчун воситаи муҳимми тарбияи мутахассисони рақобатпазир дар бозори меҳнати байналмилалӣ шинохта шудааст.

Арзишмандии автореферати диссертатсионии Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна чунин арзёбӣ мешавад:

- дастгоҳи илмии таҳқиқот мувофиқи талабот ба иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи педагогика таҳия ва роҳандозӣ шудааст;
- дар заминаи омӯхтани мавзуъ аз тарафи олимони тоҷику хориҷӣ паҳлӯҳои гуногуни ҷанбаҳои методологии ташаккули салоҳияти мустақилияти донишҷӯён мавриди таҳлил қарор гирифта, пешниҳоду хулоса ва тавсияҳои методӣ пешниҳод шудаанд;
- мазмун ва мутаносибати кори диссертатсионӣ ба нақшаи таҳиякардашуда мувофиқ аст;
- муаллиф кӯшиш намудааст масъалаҳоро вобаста ба талаботи ҷомеаи муосир ва имконниятҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тарҳрезӣ ва татбиқ намояд; маводи назариявиро бо таҷрибаи амалӣ пайваст кардааст;
- ташкилу баргузории озмоишҳо ба муаллиф имкон додааст, ки усулҳои самарабахши ташаккули салоҳияти мустақилият ва фаъолияти эҷодии донишҷӯёнро муайян ва тавсияҳои арзишманд пешниҳод намояд;
- хулосаҳо ба ҳамаи бобҳо мувофиқ ва хулосаи умумӣ бо мақсаду вазифаҳои таҳқиқот ва натиҷагирии қисмати назариявӣ ва амалӣ мувофиқанд;
- муаллиф аз сарчашмаҳои илмӣ-назариявӣ, осори файласуфони қадим, арзишҳои миллӣ ва таҳқиқоти олимони муосири ватанию хориҷӣ хуб истифода кардааст.

Аз зумраи корҳои дигари шоёне, ки муҳаққиқ анҷом додааст, таҳлилу арзёбии нақшаву барномаҳои таълим ва китобҳои дарсӣ мебошад. Муҳаққиқ намунаи лоиҳаи консепсияи таълими фанҳои табиатшиносиро дар Тоҷикистон бо маҳорати баланд ва объективона арзёбӣ намуда, таъкид кардааст, ки талаботе, ки имрӯз консепсияҳо ва барномаҳо нисбати раванди таълим гузоштаанд, ҳанӯз номукаммаланд ва ба талаботи замон пурра ҷавобгӯ нестанд. Хуб мебуд, ки дар консепсия ва барномаҳои таълим роҳу усулҳои тадрис бо таври васеътар ва равшантар нишон дода шаванд, то муҳассил пас аз дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти касбӣ

қобилияти эҷодии худро дар шароити низоми имрӯзаи таълим самаранок истифода барад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳо ва тавсияҳои методӣ имконият медиҳанд:

- талаботи амсилаҳо ва супоришоти инфиродии фанро дар омодасозии омӯзгорони муосири фанҳои табиатшиносӣ такмил диҳанд;
- роҳу усулҳо ва технологияи пешниҳодгардида дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ истифода шаванд;
- рушди фаъолияти мустақилона ва қобилияти эҷодии донишҷӯён таъмин гардад.

Хулоса, диссертатсияи Ҳусайнова Ҳ.М. ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ва дастурамали тартиби баҳогузорӣ ва супориши диссертатсияҳо мувофиқ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 – Кимиё (6D011202 – Назария ва технологияи таълими химия (таҳсилоти касбӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои химия, дотсент,
мудири кафедраи усули таълими химияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел:.(+992) 985-1542-33
mukadas_qi75@mail.ru Қурбонова Муқадас Завайдовна

Имзои Қурбонова М.З. -ро тасдиқ менамоям:
Сардори райёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э. Ш

Суроға: 734025, Ҷумҳури Тоҷикистон,
ш. Душанбе, Хиёбони Рудакӣ 17.
Тел:.(+992 37) 221-62-25
Факс: (+992 37) 227-15-10
«___»________соли 2026

Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-102-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (735140, ш. Бохтар, кучаи Айнӣ 67)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна дар мавзуи «Асосҳои методии ташаккули салоҳияти мустақилияти донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 – Кимиё (6D011202 – Назария ва технологияи таълими химия (таҳсилоти касбӣ)**

Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна, ки дар автореферат инъикос ёфта, ба ташаккули салоҳияти мустақилияти донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ махсусан фанни химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, бахшиша шуда ба ҳалли яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами таҳсилот дар муассисаҳои миёнаи касбӣ омӯзиши мустақилонаи фанҳои табиатшиносӣ равона гардидааст.

Мубрам ва муҳим будани таҳқиқоти автореферати диссертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна дар он аст, ки мавзуи хеле муҳим – ташаккули салоҳияти мустақилияти донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва асосҳои методии татбиқи он – барои омӯзишу таҳқиқ интихоб ва коркард шудааст. Ин мавзӯъ то имрӯз аз ҷониби олимону педагогҳои ҷумҳурӣ ба таври мукаммал пажуҳиш нашуда, барои рушди педагогикаи муосир аҳаммияти калони илмӣ ва амалӣ дорад.

Дар замони муосири рушди таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки методҳои гуногун васеъ паҳн гардидаанд, масъалаи ташаккули салоҳияти мустақилияти донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аҳаммияти хоса касб кардааст. Ин масъала дар раванди иҷрои кори мустақилона ва фаъолияти фардии шахсияти муҳассил (донишҷӯ) барои расидан ба ҳадаф ва матлабҳои омӯзишӣ нақши муҳимми худро дорад. Метавон гуфт, ки дар салоҳияти мустақилияти донишҷӯ на танҳо қобилияти анҷом додани фаъолияти мустақилонаи босамар аст, балки он яке аз роҳҳо ва шаклҳои рушд ва такомули маърифатӣ-зеҳнии мутахассиси оянда ба шумор меравад.

Таҳқиқот ҷанбаҳои дидактикӣ, заминаҳои психологӣ-педагогӣ ва методологии ташаккули малакаҳои кор ва фаъолияти мустақилона ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносиро фаро мегирад. Муаллиф марҳалаҳои шиносонидани муҳассилин бо мазмуни амсила, супоришоти инфиродии фан, омилҳои асосии ташаккули фикр, малакаҳои кор ҳангоми эҷоди

проблема дар дарс ва дарки маънои донишро ба таври системавӣ роҳандозӣ кардааст.

Мафҳуми дарк, мазмун ва моҳияти тафаккур, аҳаммияти истифодаи воситаҳои фразеологӣ ва тасвир дар дарси фанҳои табиатшиносӣ фаъолияти мустақилона ва қобилияти эҷодии донишҷӯёнро мустаҳкам мекунад. Дар шароити низоми технологияи муосири таълим бо дарназардошти муҳити муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва малакаҳои дарки маъно, усулҳо ва роҳҳои ташаккули фаъолияти маърифатии донишҷӯён нақши усулҳои анъанавӣ ва интерактивӣ хеле назаррас аст.

Ҷараёни баргузории таҳқиқоти озмоишии асосҳои назариявӣ ва шароитҳои педагогии ташаккули малакаҳои кор ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ дар робита бо муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ шарҳу тавсиф шудаанд. Муаллиф дуруст таъкид кардааст, ки дарки мухтавои масъала бе фаъол кардани фикр ва заминаҳои психологӣ-педагогӣ дар муҳассилин муяссар намешавад.

Муҳаққиқ чунин мепиндорем, ки ба таҳлил кашидани масъалаҳои илмию методӣ, адабиётҳои дарсию дастурҳои таълимӣ омилҳои муҳим дар омодасозии муҳассилин ба фаъолияти эҷодии касбӣ маҳсуб ёфта, ҳамзамон воситаи рушд ёфтани афкори эҷодию тахасусии муҳассилин мегардад. Ин гуна амал назарияро ба амалия наздик карда, барои амиқтар аз худ кардан ва дарк кардани дараҷаҳои илмӣ ва мафҳумҳои назариявӣ кумак намуда, яке аз усулҳои самараноку бошуури аз худ кардани дониш мегардад.

Арзишмандии кори диссертатсионии Ҳусайнова Ҳ.М. аз ҷиҳатҳои зерин арзёбӣ мешавад:

- дастгоҳи илмии таҳқиқот мувофиқи талабот ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи педагогика таҳия ва роҳандозӣ гардидааст;
- дар заминаи омӯхтани мавзуъ, паҳлӯҳои гуногуни методологии ташаккули салоҳияти мустақилият ва малакаҳои эҷодии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифта, пешниҳоду тавсияҳои методӣ пешниҳод шудааст;
- мазмун ва мутаносибати кори диссертатсионӣ ба нақшаи таҳиякардашуда мувофиқ мебошад;
- муаллиф кӯшиш намудааст масъаларо вобаста ба талаботҳои ҷомеаи муосир ва имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тарҳрезӣ ва татбиқ намояд; барои иҷрои ин амал маводи назариявиро бо таҷрибаи амалӣ пайваст кардааст;
- ташкилу баргузории озмоишҳо ба муаллиф имкон додааст, ки усулҳои самарабахши ташаккули салоҳияти мустақилият ва фаъолияти эҷодии донишҷӯёнро муайян ва тавсияҳои арзишманд пешниҳод намояд;

- хулосаҳо ба ҳама бобҳо мувофиқ ва дар анҷом хулосаи умумӣ бо мақсаду вазифаҳои таҳқиқот ва натиҷагирии қисмати назариявӣ ва амалӣ мувофиқанд;
- муаллиф аз сарчашмаҳои илмӣ-назариявӣ, осори файласуфони қадим, арзишҳои миллӣ ва таҳқиқоти олимони муосири ватанию хориҷӣ хуб истифода кардааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳо ва тавсияҳои методие, ки таҳия шудаанд, метавонанд:

- талаботи амсилаҳо ва супоришоти инфиродии фанро дар омодасозии омӯзгорони муосири фанҳои табиатшиносӣ такмил диҳанд;
- роҳу усулҳо ва технологияи пешниҳодгардида дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ мавриди истифода қарор гиранд;
- дар таҳсилоти касбӣ рушди қобилияти эҷодӣ ва мустақилияти донишҷӯёнро таъмин намоянд.

Натиҷаҳои таҳқиқ, дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври кофӣ инъикос ёфтаанд. Диссертатсия ва автореферат аз ҷиҳати барасмиятдарорӣ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муҳтавои онҳо ба стандаратҳои амалкунанда мутобиқ арзёбӣ мегардад.

Хулоса, диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти ҶТ, қарори Ҳукумати ҶТ №267 аз 30.06.2021 ва дастурамали тартиби баҳогузорӣ ва супориши диссертатсияҳо мувофиқ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 – Кимиё (6D011202 – Назария ва технологияи таълими химия (таҳсилоти касбӣ) сазовор мебошад.

Доктори илмҳои химия, дотсент,
ҷонишини директор оид ба илм-и Институти
кимиёи ба номи В.И.Никитини АМИТ
Тел:.(+992) 93-426-03-34
r-rahmonov@mail.ru Раҳмонов Раҳмон Охонович

Имзои Раҳмонов Р.О. -ро тасдиқ менамоям:
Сарнозири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Институти кимиёи ба номи В.И.Никитини АМИТ Раҳимова Ф.А.

Суроға: 734063, Ҷумҳури Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Айнӣ 299/2.
Тел.: (+992 37) 225-80-95
Факс: (+992 37) 225-80-98

«___»________соли 2026

Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-102-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (735140, ш. Бохтар, кучаи Айнӣ 67)

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна дар мавзуи «Асосҳои методии ташаккули салоҳияти мустақилияти донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 – Кимиё (6D011202 – Назария ва технологияи таълими химия (таҳсилоти касбӣ)**

Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна, ки дар автореферат иниъкос ёфта, ба ташаккули салоҳияти мустақилияти донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ махсусан фанни химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бахшиша шуда, ба ҳалли яке аз масъалаҳои муҳими таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ омӯзиши мустақилонаи фанҳои табиатшиносӣ равона гардидааст.

Довталаб мавзӯи муҳимро – доир ба ташаккули салоҳияти мустақилияти донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ – таҳқиқ намуда, ҳамзамон бо асосҳои методӣ татбиқи онро ҳангоми омӯзишу парвариш дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ коркард кардааст.

Дар кори илмии мазкур ҷанбаҳои дидактикӣ, заминаҳои психологию педагогӣ ва методологии ташаккули маҳорату малакаҳои кор ҳангоми тадриси фанҳо бо истифодаи усулҳои гуногуни тадрис, аз ҷумла: муносибати проблемавӣ-ҳамгироӣ, марҳалаҳои шиносонидани муҳассилин бо мазмуни амсила, супоришоти фардӣ, омилҳои асосии ташаккули фикр, малакаҳои кор ҳангоми эҷоди проблема дар дарс, дарки маъно мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Муҳаққиқ дар таҳқиқ ба хониши бошуурона, мафҳуми дарк, мазмун ва моҳияти тафаккур, аҳаммияти истифодаи воситаҳои таълимӣ ва ташкил дар дарси рушдёбандаи фанҳои мушаххас, фаъолияти мустақилона ва қобилияти эҷодии донишҷӯён таваҷҷӯҳи хос додааст. Дар таҳқиқот ба маҳорату малакаҳои дарки маъно, роҳу усулҳои ташаккули фаъолияти маърифатӣ, нақши усулҳои анъанавӣ ва интерактивӣ дар ташаккули ин малакаҳо эътибори ҷиддӣ дода шудааст. Ҷараёни баргузории таҳқиқоти озмоишӣ ва натиҷагирӣ шарҳу тавсиф шудааст.

Муҳаққиқ дуруст таъкид кардааст, ки дарки муҳтавои масъала ҳеҷ гоҳ бе фаъолсозии фикр ва заминаҳои психологию педагогӣ муяссар

намешавад. Аз ин лиҳоз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вазифадоранд, магистр ва бакалавр-омӯзгорони ояндаро мувофиқи талаботи замон омода созанд.

**Арзишмандии кори диссертатсионӣ:**

- дастгоҳи илмии таҳқиқот ҷавобгӯ ба талабот ба иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ таҳия шудааст;
- паҳлӯҳои гуногуни ҷанбаҳои педагогӣ ва методологии омодасозии соҳибкасбони фан мавриди таҳлил қарор гирифта, пешниҳоду хулоса ва тавсияҳои методӣ пешниҳод шудаанд;
- мазмун ва мутаносибати кори диссертатсионӣ ба нақша мувофиқ аст;
- муаллиф кӯшиш намудааст масъалаҳоро вобаста ба талаботи ҷомеаи муосир ва имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти касбӣ тарҳрезӣ ва татбиқ намояд; маводи назариявиро бо таҷрибаи амалӣ пайваст кардааст;
- ташкилу баргузории озмоишҳо ба муаллиф имкон додааст, ки усулҳои самарабахши таълимро муайян ва тавсияҳои арзишманд пешниҳод намояд;
- хулосаҳо ба ҳама бобҳо мувофиқ ва хулосаи умумӣ бо мақсаду вазифаҳои таҳқиқот ва натиҷагирии қисмати назариявӣ ва амалӣ мувофиқанд;
- муаллиф аз сарчашмаҳои илмӣ-назариявӣ, осори файласуфони қадим, арзишҳои миллӣ ва таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ хуб истифода кардааст.

Аз зумраи корҳои дигари шоён, таҳлилу арзёбии нақшаву барномаҳои таълим ва маводи дарсӣ мебошад. Муҳаққиқ намунаи лоиҳаи консепсияи таълимро бо маҳорати баланд арзёбӣ намуда, таъкид кардааст, ки талаботе, ки имрӯз консепсияҳо ва барномаҳо нисбати раванди таълим гузоштаанд, ҳанӯз номукаммаланд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳо ва тавсияҳои методӣ имконият медиҳанд:

- талаботи амсилаҳо ва супоришоти инфиродиро дар омодасозии омӯзгорони муосири фан такмил диҳанд;
- роҳу усулҳо ва технологияҳои пешниҳодшударо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ истифода кунанд;
- рушди фаъолияти мустақилона ва қобилияти эҷодии донишҷӯён таъмин гардад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, миқдор ва сифатӣ мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи

олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидаи довталаб ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва меъёрҳои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) пурра ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти ҶТ, қарори Ҳукумати ҶТ №267 аз 30.06.2021 ва дастурамали тартиби баҳогузорӣ ва супориши диссертатсияҳо мувофиқ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 – Кимиё (6D011202 – Назария ва технологияи таълими химия (таҳсилоти касбӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои химия, дотсенти
кафедраи химияи ғайриорганикии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел:.(+992) 935844920
Yusuf68@mail.ru Баҳодуров Юсуф Файзуллоевич

Имзои Баҳодуров Ю.Ф., -ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э. Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳури Тоҷикистон,
ш. Душанбе, Хиёбони Рудакӣ 17.
Тел:.(+992 37) 221-62-25
Факс: (+992 37) 227-15-10
«___»________соли 2026